# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)
(қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №3)

**Парвандаи аттестатсионии №____**

**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 10.05.2025, №16**

Барои сазовор донистани Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

Диссертатсияи Иброгимова Машхурахон Тураҷоновна таҳти унвони «Майдони функсионалӣ - семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии мукоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президентӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, таҳти №18/шд тамдидшуда) аз 22-юми феврали соли 2025, суратҷаласаи № 4 ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна 6-майи 1984 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Солҳои 1990-2001 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №5 шаҳри Хуҷанд таҳсил карда, пас аз хатми он ба Донишгоҳи миллии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон  Ғафуров дохил шуда, онро соли 2006 бомуваффақият хатм намудааст.

Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна солҳои 2015-2017 дар зинаи магистратураи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров таҳсил намуда, соҳиби дипломи аълои дараҷаи магистр аз рӯйи ихтисоси “омӯзгори забони англисӣ” гардид.

Номбурда ба ҳайси докторант (PhD) соли 2017 ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров қабул ва мавзуи рисолааш дар Шурои олимони  Донишгоҳи мазкур таҳти роҳбарии  номзади илмҳои филология, дотсент Нематуллоева Мавлуда Негматовна тасдиқ гардидааст.

Диссертатсия дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров иҷро шуда, дар ҷаласаи васеи ҳамин кафедра (протоколи №6/1 аз 20.01.2025) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Нематуллоева Мавлуда Негматовна,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

**Муқарризони расмӣ:**

**Раҳмонова Наргис Шарифовна -** доктори илмҳои филологӣ, профессори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Комилов Мирато Миршаробович –** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илмхои филологй, мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Олматова Шарофат Сафаралиевна, эксперт номзади илмхои филологй, саромӯзгори кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ Шарифзода Баҳром Абдуали ва котиби ҷаласа омӯзгори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳ Муродов Исмоил Саидович бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода Маҳмадали Раҳмат тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна кори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф

намудаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 8-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар тибқи талаботи** “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, асоснок шудаанд, зеро онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, вобаста ба самти мавзуи мавриди назар осору мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаб 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд. Аз ҷумла:

**1.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**:

**[1-М]. Иброгимова, М.Т.** Мафҳуми майдон ва моҳияти он дар илми забоншиносии муосир [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. / М.Т. Иброгимова. – Душанбе, 2018. - №7. – С. 31-33.

**[2-М]. Иброгимова, М.Т.** Мақоми пешоянд дар майдони функсионалӣ семантикии локативӣ дар забони англисӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон №1. Бахши илмҳои филологӣ. / М.Т. Иброгимова. – Душанбе, 2019. -№1. – С.54-58.

**[3-М]. Иброгимова, М.Т.** Роҷеъ ба яке аз нишондиҳандаҳои ядроии майдони функсионалӣсемантикии локативӣ дар забони англисии муосир [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, / М.Т. Иброгимова. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 66-71.

**[4-М].** Нематуллоева, М.Н., **Иброгимова, М.Т.** Масоили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносии муосир [Матн] // Паёми донишгоҳи забонҳо. Бахши илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих. / М.Т. Иброгимова. – Душанбе, – 2023. - №1 - С.71-76.

**[5-М]. Иброгимова, М.Т.** Ҳоли макон чун воситаи ифодакунандаи локативият дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] // Аз Ҳазорчашма то Чикаго: маҷмуаи маводи конфронси илмӣ – амалӣ бахшида ба 70-солагии

номзади илмҳои филологӣ, дотсент Бойматов А.Б. / М.Т. Иброгимова. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2018. – С.134-138.

**[6-М]. Иброгимова, М.Т.** Роҷеъ ба масоили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забоншиносӣ [Матн] // Маҷмуаи масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар макотиби олӣ: маҷмуаи маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ. / М.Т. Иброгимова. – Душанбе, 2018. – С.117-118.

**[7-М]. Иброгимова, М.Т.** Грамматикаи функсионалӣ ҳамчун асбоби омӯзиши ҳодисаҳои забонӣ [Матн] // Маводи конфронси илмӣ бахшида ба «Солҳои 2019-2021 солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», иҷрои «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030» ва 70-солагии дотсенти кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ Нематуллоева М.Н. / М.Т. Иброгимова. – Хуҷанд, 2019. – С.56-60.

**[8-М]. Иброгимова, М.Т.** Функционально-семантическое поле локативности и ее структура в современном таджикском языке. [Матн] // Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ. / М.Т. Иброгимова – Екатеринбург, 2020.

**[9-М]. Иброгимова, М.Т.,** Зоидова Т.А. Языковая сущность лексико и фразео-семантических полей [Матн] // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ: маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. / М.Т. Иброгимова, Т.А. Зоидова. – Хуҷанд: Мероҷ, 2020. – С. 97-105.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**:

1. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Ишанкулова Дилбар Гафуровна мусбат буда, ба автореферат эрод нагирифтааст.

2. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд Қаюмов Ашӯр Абдуқодирович мусбат буда, ба автореферат натиҷаи назаррас додааст.

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Кабиров Лутфулло Абдусаломович мусбат аст.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Давлатзода Файзиддин Ҷамил мусбат арзёбӣ карда шудааст.

Дар маҷмуъ, муқарризони беруна аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки аз ҷониби довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар замина омӯзиши маводи илмӣ, илмӣ-методӣ ва сарчашмаҳои таҳқиқот бори аввал масоили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, ин мавзуъ аз нигоҳи илмӣ **коркард карда шуд.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бори нахуст майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, яъне низоми воситаҳои гуногунсатҳи ифодаи маънои локативият дар заминаи маводи забонҳои англисиву тоҷикӣ ба таври муқоиса мавриди омӯзиш қарор гирифта, сохтор ва ҷузъҳои таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативии забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ мавриди пажуҳиши махсус қарор гирифта, ҷиҳатҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо **ошкор карда шудаанд**.

Омӯзиш дар асоси таҳлили маводи воҳидҳои гуногунсатҳи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат гирифта, ҷойгиршавии майдон ва ифодаҳои марбут ба онро дар ду забони муқоисашаванда фаро мегирад. Ин муаммо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажуҳиши мушаххаси илмӣ қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод дар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи майдони функсионалӣ-семантикӣ дар забонҳои дигари муқоисашаванда **истифода гардад.**

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки майдони функсионалӣ-семантикӣ дар ифодаи вазифаи амиқи муоширатӣ хеле муҳим буда, он барои аз тарафи омӯзандагони забони англисӣ ба беҳтару хубтар дарк намудани воситаҳои забоние, ки ба муҳити муносибатҳои фазоӣ тааллуқ доранд, мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, натиҷаҳои таҳқиқотро дар курсҳои махсуси грамматикаи назариявӣ ва амалии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, курсҳои назарии тарҷума ва типологияи муқоисавии забонҳо, ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ аз рӯйи ихтисоси марбут метавон васеъ истифода бурд.

Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, сохтор ва унсурҳои таркибии он дар забонҳои муқоисашаванда баррасӣ гардида, нишондиҳандаҳои марказӣ ва музофотии майдонҳои хурд **муайян карда шуданд.**

Баррасии ээътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ **асоснок карда шудааст**. Хулоса ва тавсияҳои додашуда дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамзамон, масъалаҳои муҳимми диссертатсия дар конференсияҳои илмиву амалии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-назариявии кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии муассисаи таълимии номбурда **арзёбӣ гардидаанд.**

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот** дар он аст, ки бори нахуст бо такя ба маводи фаровони забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ, сохтор ва унсурҳои таркибии он мавриди пажуҳиши диссертатсионӣ қарор гирифта, хусусиятҳои шабеҳ ва фарккунандаи онҳо нишон дода шуда, дар асоси таҳлил хулосаҳои амиқи илмӣ бароварда шудааст. Маводи назариявиву амалии ҷамъовардашуда барои ҳалли масъалаҳои мавҷудаи забоншиносии муқоисавӣ дар мисоли забонҳои тоҷикиву англисӣ саҳми назаррас мегузорад.

Диссертант муаллифи 9 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 10-уми майи соли 2025, №16 дар бораи сазовор донистани Иброгимова Машҳурахон Тураҷоновна бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) –доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктерони илм 3 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 11 нафар иштирокдоштагон овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раис: раиси Шурои
диссертатсионӣ, профессор — Турсунов Ф. М.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, дотсент — Ҳасанова Ш. Р.

10-юми майи соли 2025